# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-081 назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба кори диссертатсионии Табаров Нурулло Сафаралиевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, ки тибқи қарори Шурои диссертатсионӣ аз 09.08.2025 протоколи №1 ш/я дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ Давлатзода Ҷамила (раис), доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев Изатулло интихоб шудааст, мутобиқи талаботи бандҳои 56-60-уми Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 57-60- уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо - қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудаанд, диссертатсияи Табаров Нурулло Сафаралиевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ» мавриди омӯзишу санҷиш ва баррасӣ қарор дода, ба хулосаи зерин омад:

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур, инчунин бо қарори ҷаласаи васеи кафедраҳои технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳӣ ва кафедраи педагогика ва рақамикунонии низоми иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» муҳокимаю ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

(Суратҷаласа аз аз 10.05.2025, № 09).

Дар хулосаҳои кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур, инчунин,

ҷаласаи васеи кафедраҳои технологияҳои иҷтимоӣ -фарҳангӣ ва сайёҳӣ ва кафедраи педагогика ва рақамикунонии низоми иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳаҷми 375 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда (403 номгӯй) иборат аст.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Табаров Нурулло Сафаралиевич маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

8. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

9. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссии экспертӣ диссертатсияи Табаров Нурулло Сафаралиевичро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Табаров Нурулло Сафаралиевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти

фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) **ба сифати муқарризони расмӣ:**

1. Сайфуллаев Хайрулло Габдуллоевич– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

2. Юнусова Нафиса Муродовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ашурова Дилором – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

в) **ба сифати муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия карда мешавад.

10. Барои муайян намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ — Давлатзода Ҷ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Холназаров С.

Доктори илмҳои педагогӣ — Давлатшоев И.

Имзоҳои Ҷ. Давлатзода, С. Холназаров ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ «ДДФСТ
ба номи Мирзо Турсунзода» — Нуриддинзода Ф.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734032, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 73а.
МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода».
Тел.: +992 372 2311827
Сомона: www.ddst.tj